**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба ба рисолаи Соқиева Парвина Зафаровна дар мавзуи «Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ (дар мисоли достонҳои «Хусраву Ширин» ва «Лайлию Маҷнун»)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403- Таърихи адабиёт, равобити адабӣ)**

Дар бораи рӯзгору осор ва вижагиҳои каломи яке аз суханварони тирози аввали адаби форсӣ-тоҷикӣ Ҳаким Низомии Ганҷавӣ китобу рисолаҳои таҳқиқотии зиёди боарзише рӯйи кор омадаанд. Чи назарияпадозонону тазкиранависони қадим ва чи шеършиносони муосир қудрати бузурги ӯро дар эҷоди каломи манзум эътироф намуда, сеҳри мубини суханашро сутудаанд. Ҳаким Низомӣ бунёдгузори «Хамса»-нависӣ дар адабтёти форсӣ-тоҷикист ва шоирони бузурге, чун Амир Хусравӣ Деҳлавӣ, Мавлоно Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Абдуллоҳи Ҳотифӣ, Шамсуддини Шоҳин ва чандин тани дигар дар пайравӣ аз «Хамса»-ю достонҳои ҷудогонаи ӯ маснавӣ сурудаанд, вале ҳеч яке аз ин шуаро ба поя вай нарасидаанд. Ростӣ, он ширинию зебоии сухан ва он фасоҳату балоғат ва пухтагию равонии калом, ки Шайх Саъдӣ дар ғазал дорад, Ҳаким Низомӣ дар сурудани достон дорад. Дар бораи ҳунари шоирии Ҳаким Низомӣ донишмандони зиёде изҳори назар кардаанд, вале, бо вуҷуди ин ҳама, эҳсос мешавад, ки маҳорати суханварии ин нобиғаи бузурги адабӣ чунонки шоста аст, ба дурустӣ таҳқиқ нашудааст. Аз сӯи дигар, яке аз масъалаҳои асосии адабиётшиносии тоҷик, ки камтар касе ба таҳқиқи он ҷуръат намудааст, таҳқиқи поэтикаи осори суханварон, хусусан таъйини маҳорати шоирии адибон мебошад. Бо боварии том метавон гуфт, ки дар адабиётшиносии мо масъалаи поэтикаи осори адабӣ, аз ҷумла ташхиси ҳунари ин ё он шоир ба таври комил таҳқиқ нашудааст. Ба ин маънӣ, ба сифати рисолаи таҳкиқотӣ баргузида шудани мавзуи «Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ (дар мисоли достонҳои «Хусраву Ширин» ва «Лайлию Маҷнун») аз тарафи Соқиева Парвина Зафаровна айни муддао ва актуалӣ мебошад. Мавзуи таҳқиқи рисола аз масоили муҳимми илми адабиётшиносии тоҷик буда, муаллифи рисола нахуст, зарурати таҳқиқи мавзуъро собит менамояд ва ҳадафҳои худро аз таҳқиқи мавзуъ пешниҳод карда, ки пояи илмӣ доранд. Натоиҷи бадастомада аз таҳқиқи мавзуъ саҳеҳият доранд ва рисола ба талаботи рисолаҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, ба нишонаҳои тахассусӣ мутобиқат дорад.

Рисола аз муқаддима, се боб, ки ҳар як дорои фаслҳо ҷудогонаанд, хулоса ва китобнома иборат аст. Сохтори рисола ба хусусият ва характери масъалаҳои мавриди таҳқиқ мувофиқат мекунад. Дар муқаддима, се боб ва хулоса масъалаҳои назарию амалии мавзуи мавриди таҳқиқ баррасӣ шудаанд. Дар муқаддима мубрамии мавзуи интихобшуда ва дараҷаи омӯзиши он асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаи таҳқиқ, навгонии илмии он, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ мушаххас ифода ёфтааст.

Боби якуми рисола «Назари Низомии Ганҷавӣ ба сухан, шеъру шоирӣ ва эҷоди бадеӣ» унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. Дар фасли аввали боби якум муаллиф саъй намудааст диди адабӣ-эстетикии Ҳаким Низомиро дар масъалаи мақоми сухан дар ҷомеаи башарӣ ва талабот аз суханвар дар эҷоди каломи бадеӣ муайян намояд. Муаллифи рисола абёти зиёдеро аз достонҳои “Хусраву Ширин” ва “Лайлию Маҷнун”доир ба ин масъала баррасӣ намуда, ба хулоса меояд, ки Низомӣ “шеърро дар радифи ҳадиси паёмбарон ҷорчии ахлоқи ҳасана ва раҳнамои саодати башарӣ қарор дода, худ дар ин корҳои азим нисбат ба худ сахтгир аст”(автореферат, с.,23).

Фасли дувуми боби якум, ки “Каломи бадеӣ аз назари Низомии Ганҷавӣ” ном дорад, кӯшиш шудааст, то нуқта назари Ҳаким Низомии Ганҷавӣ доир ба чигунаги шеъри асил ва шоири ростин муайян гардад. Барои ҳалли ин масъал муаллифи рисола ибтидо ба рисолаҳои шеършиносии қудамо рӯ меорад ва гуфтаҳои онҳоро дар мавриди шеъри асил дар мисоли кори эҷодии Низомии Ганҷавӣ собит менамояд. Аз сӯи дигар, муаллиф саъй намудааст бо такя ба гуфтаҳои шоир назари ӯро доир ба шеъру шоирӣ ва мақоми шоир дар ҷомеаи башарӣ мушаххас намояд.

Қисмати асосии рисоларо боби дуюм, ки “Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ дар достонҳои “Хусраву Ширин” ва “Лайлию Маҷнун” унвон дорад, ташкил медиҳад. Боби мазкур аз ду фасл ва чаҳор зерфасл иборат аст. Дар фасли аввали боби дуюм муҳаққиқ дар баробари тавзеҳи сохту мухтавои достонҳои зикршуда саъй намудааст, то ҳунари шоирии Низомиро дар офариниши тасвирҳои шоирона, корбури ҳунармандонаи вазну қавофию радиф, сабку услуби баён, забон муайян намоянд. Дар фасли дувум, ки аз чаҳор зерфасл иборат аст, ҳунари симоофарии шоир дар достонҳои “Хусраву Ширин” ва “Лайлию Маҷнун” баррасӣ гардида, образҳои асосии ин достонҳо дар муқоиса бо якдигар таҳлил шудаанд. Ин амал ба унвонҷӯ имкон дода, ки то андоза тавонад маҳорати Низомиро дар офариниши симоҳои мухталифи бадеӣ муайян намояд. Дар чаҳор зерфасли ин боб дар баробари муқоисаи

образҳои асосии достонҳои зикршуда, монанди Хусраву Маҷнун, Ширину Лайлӣ, Фарҳод, симоҳои ёридиҳандаи ҳар ду достон, чун Шопуру Навфал, Шакару Марям, доя, Саломи Омирӣ, Саломи Бағдодӣ, волидайни қаҳрамонони асосӣ мавриди муқобилаву муқоиса қарор гирифтаанд. Сақиева Парвина баъд аз муқобилаву муқоисаи симоҳои асосию фаръии достонҳо ба чунин хулоса меояд: “Низомии ганҷавӣ дар офаридани симоҳои Хксраву Ширин, Лайлию Маҷнун, Фарҳод ва симоҳои фаръии достонҳо, дар баробари истифода аз маъхазҳои дастрас, аз ҳаёти воқеии замони нобасомони худ низ бо маҳорати баланд ва диди амиқ истифода намуда, ҳикмати ишқи покро тараннум намудааст”(с., 19).

Аз назари фарогирии масъалаҳои мавзуи мавриди таҳқиқ боби севуми рисола “Корбурди ҳунармандонаи забону баёни бадеъ дар достонҳои “Хусраву Ширин” ва “Лайлию Маҷнун”-и Низомии Ганҷавӣ” қобили таваҷҷуҳ аст. Дар ин боб, ки аз се фасл ва чаҳор зерфасл иборат аст, масъалаҳои забон ва ҳусни баён, корбурди ҳунармандонаи санъатҳои бадеӣ, истифодаи моҳиронаи истилоҳоти мусиқӣ ва инъикоси андешаҳои ахлоқии Низомии Ганҷавӣ дар достонҳои “Хусраву Ширин” ва “Лайлию Маҷнун” матраҳ шудааст.

Бояд зикр кард, ки ҳар як навъи каломи бадеӣ дорои хусусият ва моҳияти ба худ хос аст, минҷумлаи шеър молики чанд унсур аст, ки яке аз онҳо каломи мухайял, образ, имод ё худ тасвир ҷавҳари зотии шеър ба шумор меравад. Аз ин рӯ, барои дуруст омӯхтани поэтикаи шеър ва дарёфтани марому мақсади шоир аз эҷоди шеър бояд ба таҳқиқи тасвирҳои шоирона пардохт, зеро кашфи моҳияти асосии шеър - тасвири шоирона чун мифтохе хизмат хоҳад намуд, ки ба туфайли он дониш, маҳорат ва завқу салиқаи эстетикии суханвар муайян мегардад. Вобаста ба ин, барои таъйини маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ Соқиева Парвина кӯшидааст корбурди устодонаи санъатҳои бадеӣ ҳангоми офариниши образҳои бадеӣ ва тасвирҳои шоирона дар достонҳои “Хусраву Ширин” ва “Лайлию Маҷнун” бо шавоҳиди шеърӣ нишон диҳад.

Муаллиф дар асоси равиши муқоисавӣ- таърихӣ омӯзиши осори адабӣ ба таҳқиқи масоили мавриди назар пардохта, ба дастовардҳои донишмандони хориҷию ватанӣ такя кардааст. П. Соқиева дар асоси далелу мадракҳо мавзуъро баррасӣ намуда, натиҷаи дилхоҳ ба даст овардааст. Натиҷаҳои бадастомада аз таҳқиқи мавзуъ саҳеҳият доранд ва рисола ба талаботи рисолаҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, ба нишонаҳои тахассусӣ мутобиқат дорад. Натиҷаи тадқиқотро дар навиштани китоби таърихи адабиёти форсу тоҷик, курсҳои назарӣ, васоити таълимӣ барои

донишҷӯён, хондани лексияҳо, инчунин барои гузаронидани курсҳои махсус ва семинарҳо аз таърихи адабиёти форсу тоҷик, алалхусус осори Ҳаким Низомии Ганҷавӣ метавонад мавриди истифода қарор бигирад.

Дар маҷмуъ дар рисолаи П.З. Соқиева "Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ дар достонҳои "Хусрав ва Ширин" ва "Лайлӣ ва Маҷнун" бо низом ва ба таври маҷмуӣ таҳқиқ шудааст. Натиҷагириҳои муҳақиқ дар хулосаи рисола ба таври мушаххас баён шуда, ки он пояи илмӣ ва пажӯҳишӣ дорад.

Дар баробари муҳассанот дар рисола баъзе нақсу камбудҳо низ ба назар мерасанд, киислоҳи онҳо ба манфиати кор аст:

1.Ҷумлаҳои дарозу тӯлонӣ, ки хонанда дар дарки мақсади муаллиф саргум мезанад, ҳусни рисола коҳидааст. Ба тариқи намуна: "*Барои ҳамин омӯзиш ва таҳлилу баррасии маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ дар достонсароӣ ва аз ин дидгоҳ муайян намудани ҷойгоҳи ӯ доир ба пешниҳодҳои назарии эҷоди бадеӣ дар адабиёти форс-тоҷик зимни достонҳои "Хусрав ва Ширин" ва Лайлӣ ва Маҷнун яке аз масъалаҳои муҳим ва зарурии адабиётшиносии тоҷик ба шумор меравад, зеро ин ду достони "Хамса" баъди эҷод шудан на танҳо дар Шарқ шуҳрати хосса пайдо намуданд, балки, зиёда аз ин, дар раванди баъдинаи адабиёти халқҳои Шарқ низ ба пайдо кардани пайравони худ таъсири амиқ гузошта тавонистаанд"* (Рисола,с.,5). Намунаи дигар: "Дар фасли дувуми боби якуми диссертатсия, ки "Каломи бадеӣ аз назариНизомии Ганҷавӣ" ном дорад, сухан дар бораи нуқтаи назари ин суханвари Ганҷа доир ба шеъру шоирӣ ва *истифода каломи бадеӣ дар осори манзум* (?) рафтааст"(автореферат,с.,14). Чунин ҷумлаҳои тӯлонии тумтароқ дар баъзе бобу фасл ва зерфаслҳо ба назар мерасанд.

2.Дар банди "Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ" на ҳама китобу мақолаҳои илмӣ, ки ба мавзуъ дахл доранд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.Масалан, мақолаи "Ширин дар чашма"-и Насруллоҳ Пурҷаводӣ яке аз мақолоти пурарзиш дар низомишиносӣ аст, ки аз назари муаллифи рисола дур мондааст. Ҳамчунин дар ин банд танҳо бо зикри асарҳои таҳқиқотӣ доир ба мавзуъ қаноатманд шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ дар ин асарҳо ба дурустӣ нишон дода нашудааст.

3.Натиҷагирии муаллиф дар боби якум доир ба афкори назарии Низомӣ хеле мухтасар буда, масъалаи мавриди назар ба дурустӣ кушода нашудааст.

4.Ҳангоми баррасии маҳорати Низомӣ дар достонсароӣ (боби дувум) муаллифи рисола бештар ба нақли сужаи достон мепардозаду ҳунари шоирӣ камтар таҳқиқ шудааст.

5. Корбурди санъатҳои бадеӣ дар таъйини ҳунари шоирии суханвар нақши муҳим доранд. Парвина Соқиева нақши санъатҳои ташбеҳ, истиора, муболиға ва талмеҳро дар достонҳои зикршудаи шоир хеле хуб муайян намудааст, аммо ҷудогона ва ба танҳоӣ. Ҳол он ки дар ин достонҳо тавирҳои шоиронае ҳастанд, ки дар як байт бо корбурди чандин санъати бадеӣ ба риштаи тасвир кашида шудаанд.

6. Ислоҳи баъзе хатоҳои имлоию услубӣ ва риоя комили имлои нави забони тоҷикӣ, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ба манфиати кор аст.

Сарфи назар аз эродҳои баёншуда рисолаи Соқиева Парвина Зафаровна дар мавзуи «Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ (дар мисоли достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун»)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403- Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

**МУҚАРРИЗ :**
мудири кафедраи методикаи
таълими забон ва адабиёт,
доктори илми филология,
профессор Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода

**Нишонии муассиса:**
734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
**Нишонии саҳифаи расмӣ:**
**isrofilniyo@mail.ru**
**Тел**: (+992) 900909696;933670999
Имзои Исрофилов Ш.Р. - ро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳои
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.